**ХУЛОСАИ**

**комиссияи экспертии шурои диссертатсионии 6D.КОА-123-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба диссертатсияи Юсуфӣ Ифтихор Абубакрзода дар мавзуи «Бунёди иншоотҳои азим дар публитсистикаи Шералӣ Мӯсо», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050400 – Рӯзноманигорӣ (6D050401 – Рӯзноманигорӣ) пешниҳод шудааст.**

Мавзуи кори таҳқиқии Юсуфӣ Ифтихор Абубакрзода ба омӯзиши инъикос ва тасвири бунёди иншоотҳои азим дар публитситсикаи Шералӣ Мӯсо бахшида шудааст.

Дар диссертатсия бо руҷуъ ба зиндагӣ ва паҳлуҳои фаъолияти эҷодии Шералӣ Мӯсо, масъалаҳои марбут ба бунёди иншоотҳои азими аср, аз ҷумла бунёди нерӯгоҳҳои барқи обӣ, сохтмони роҳ ва нақбҳо, дар ин замина таносуби воқеият ва бадеият, истифодаи воситаҳои муассирсози сухан дар осори нависандаи публитсист ба таври муфассал мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

Аҳаммияти кори диссертатсионӣ, пеш аз ҳама, дар он аст, ки он як самти нисбатан таҳқиқнашудаи публитстикаи тоҷикро фаро мегирад ва дар мисоли таҳқиқи осори публитсистии Шералӣ Мӯсо доир ба бунёди иншоотҳои азими Тоҷикистони соҳибистиқлол, ба хусус нақбҳои Шаҳристону Хатлон, НБО-и “Роғун”, дар мисоли вижагиҳои эҷодии як адиби публитсист нишон дода шудааст.

Баррасии ҳаёт ва фаъолият, оғози эҷоди публитсистӣ ҳамчунин махсусияти осори марбут ба бунёди иншоотҳои азим, ҳунари нигорандагӣ, истифодаи санъатҳои бадеӣ дар осори публитсистӣ, ҳамзамон матни диссертатсия метавонад як ҷузъиёти назарияи публитстстикаро равшан намояд. Аз ҷумла, бунёди иншоотҳои азим дар публитсистикаи тоҷик ҳамчун рамзи ба даст овардани истиқлоли энергетикӣ низ маънидод мешавад. Алалхусус, дар давраи соҳибистиқлолӣ бунёди нерӯгоҳҳо, роҳҳои

байналмилалӣ, нақбҳо ва дигар иншооти стратегии кишвар дар осори публитсистӣ ҳамчун нишонаи марҳилаи нави рушд ва эҳёи иқтидори миллӣ арзёбӣ гардидааст. Дар қатори дигар адибони публитсист Шералӣ Мӯсо тавассути таҷассуми аҳаммияти чунин иншоотҳо нақши онҳоро дар густариши муносибатҳои иқтисодӣ ва баланд гардидани сатҳи зиндагии мардум нишон медиҳад.

Матни диссертатсия ва дастовардҳои илмии муҳаққиқро дар баррасии масъалаҳои назариявии публитсистика, анҷом додани таҳқиқоти илмӣ доир ба осори марбут ба бунёди иншоотҳои азим, ҳамчунин пажуҳиши паҳлуҳои омӯхтанашудаи публитсистикаи тоҷик, аз ҷумлаи эҷодиёти Шералӣ Мӯсо ва муайян намудани арзишҳои воқеиву бадеии осори публитсистӣ метавон мавриди истифода қарор дод. Таҳқиқоти мазкур барои пажуҳишҳои тозаи назариявӣ ва амалии публитсистикаи тоҷик замина шуда метавонад.

Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31, 33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмиро сатҳи дарки масъалаҳои дар диссертатсия баррасишуда, натиҷа ва хулосаҳои асосии кор, муқаррароти ба ҳимоя пешниҳодшуда ва ба таври мустақил ифода шудани дидгоҳи ӯ нисбат ба мавзуи таҳқиқ тасдиқ мекунанд.

Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқи диссертатсионӣ бо шиносномаи ихтисоси илмии 6D050400 – Рӯзноманигорӣ (6D050401 – Рӯзноманигорӣ) мувофиқ мебошад.

Натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқ ва тавсияҳои муаллиф дар 13 мақола, аз ҷумла 9 мақола, ки дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд, инъикос ёфта, бо мазмун ва мавзуи диссертатсия бевосита алоқаманд мебошанд. Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои нашркардаи доктори фалсафа (PhD) фарогири мазмуну муҳтавои диссертатсия мебошанд. Мақолаҳои илмии интишорёфтаи муаллиф ва теъдоди маводи чопшуда ба

талаботи бандҳои 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқат менамоянд. Дар диссертатсияи Юсуфӣ Ифтихор Абубакрзода истифодаи мавод бидуни ишора ба муаллиф ё маъхаз ба назар намерасад. Ин аз риоя шудани банди 37-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

Дар хулосаи диссертатсия дастовардҳои таҳқиқ ва моҳияти масъалаҳои меҳварӣ зикр ёфта, дурнамои мавзуи кори диссертатсионӣ муайян шудааст. Аҳаммияти таҳқиқ, навгониҳои илмии диссертатсия ва арзиши амалии онро ба назар гирифта, комиссияи экспертӣ ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи Юсуфӣ Ифтихор Абубакрзода кори таҳқиқии анҷомёфта буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад ва онро барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050400 – Рӯзноманигорӣ (6D050401 – Рӯзноманигорӣ) ба ҳимоя пешниҳод кардан мумкин аст.

Комиссияи экспертӣ дар асоси банди 60-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Юсуфӣ Ифтихор Абубакрзода дар мавзуи «Бунёди иншоотҳои азим дар публитсистикаи Шералӣ Мӯсо» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050400 – Рӯзноманигорӣ (6D050401 – Рӯзноманигорӣ) дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-123-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тариқи овоздиҳии ошкоро ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқиашон ба ихтисоси 6D050400 – Рӯзноманигорӣ (6D050401 – Рӯзноманигорӣ) мувофиқат доранд, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

– **Раҳимов Абдуҳамит Абдибосирович –** доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи журналистикаи ватанӣ ва байналмилалии Муассисаи таълимии байнидавлатии маълумоти олии “Донишгоҳи (славянӣ) Россия ва Тоҷикистон”;

– **Сафарзода Хуршед Ҳайдар –** номзади илмҳои филологӣ, муовини ректор оид ба корҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода”.

3. Ба сифати муассисаи пешбар **Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав»** пешниҳод мешавад.

4. Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъйиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои филологӣ,
узви шурои диссертатсионӣ — Азимов А.Х.

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои филологӣ,
узви шурои диссертатсионӣ — Бозорзода Н.Ш.

номзади илмҳои филологӣ,
дотсенти кафедраи телевизион ва
радиошунавонии факултети
журналистикаи ДМТ — Ҳайдаров С.Б.

«15» 06 соли 2026.